«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И.
аз «16» 09 2026 с.

# ХУЛОСАИ

кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед дар мавзуи «Хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

Унвонҷӯ Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед соли 2010 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, факултети педагогика ва психология (томактабӣ)-ро бо ихтисоси педагогика-психологияи томактабӣ (диплом ДТО №0183861) хатм намудааст.

Аз соли 2010 дар муасисаи таълимии томактабии №123-и шаҳри Душанбе ба ҳайси мураббия, соли 2016 ба тариқи гузариш мутахассиси пешбари шуъбаи маорифи ноҳияи Сино, солҳои 2017-2022 мудири муассисаи таълимии томактабии №55-и ноҳияи Сино, аз моҳи январи соли 2023 дар вазифаи мудири муассисаи таълимии томактабии №148-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ кору фаъолият намудааст. Аз 21 августи соли 2025 то имрӯз дар вазифаи мудири муассисаи таълимии томактабии №59-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе адои вазифа менамояд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ №755од, аз 29.12.2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва кори иҷтимоӣ (ҳозира кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ) қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед бо қарори Шурои олимони факултети таҳсилоти томактабӣ (ҳозира факултети педагогика) Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ суратҷаласаи №4, аз 15.05.2022 дар мавзуи

«Хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ» тасдиқ гардидааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳои зерин супорида аст:

- Таърих ва фалсафаи илм - «5» (аъло) - 24.12.2024.
- Забони хориҷӣ (англисӣ) - «5» (аъло) - 10.06.2025.
- Ихтисос: 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) - "5" (аъло) - 13.03.2026.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 19.03.2026, №878 додааст.

Роҳбари илмӣ: Қурбонова Гулрухон Абдуалимовна, номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф".

Диссертатсияи Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед дар мавзуи «Хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) дар кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, аз ҷониби муқарризони холис Маҷидова Б. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Рамазонова Р. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Кенҷаева З.- номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидааст.

Дар баромад Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед андешаҳои худро оид ба мавзуи «Хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ» баён намуда, қайд мекунад, ки таҳқиқоти илмӣ, ки бар асоси ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ" (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак" (2015) анҷом дода шудаанд. Ҳуҷҷатҳои зерин баррасӣ шуданд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои тарбия ва таълими кӯдакон» (2024), Низомномаи намунавӣ дар бораи муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2024), Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2014), Стандарти инкишофи барвақтӣ ва таълими кӯдакон (аз таваллуд то 7 (6) сола) (2023), инчунин Барномаи таълимии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2025) ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳое, ки талабот ва тағйиротро дар амалияи таълим ва тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос мекунанд.

Рисолаи мазкур ба масъалаи муҳимтарини замони мо тарбияи насли оянда ва ҳифзи арзишҳо, анъанаҳо ва расму оинҳои миллии мардуми тоҷик бахшида шудааст. Шинос кардани кӯдакон бо фарҳанги мардумӣ, анъанаҳо ва арзишҳо тадриҷан рушд мекунад, ки ин дар афзоиши таваҷҷӯҳи кӯдакони томактабӣ ба баъзе унсурҳои ин фарҳанг инъикос ёфтааст. Дар ин робита, масъалаи ворид кардани эҷодиёти кӯдакон ба раванди шинос кардани кӯдакони томактабӣ бо фарҳанги миллӣ рӯз аз рӯз муҳимтар мегардад.

Муҳимияти таҳқиқот бо зарурати нигоҳ доштани мероси фарҳангии миллӣ; талаботи сиёсати давлатии маориф ва тарбия; имкониятҳои фаъолияти эҷодии кӯдакон  ва зарурати такмил додани мундариҷаи таълими этникӣ-фарҳангӣ барои кӯдакони томактабӣ; дар шароити кунунии ҳифз ва рушди арзишҳои фарҳангии миллӣ асоснок карда мешавад.

Муаллиф хусусиятҳои хоси методологияи шинос кардани кӯдакони калонсоли томактабӣ бо фарҳанги миллӣ дақиқ муайян карда, баъзе ҷанбаҳои ин равандро қайд кардааст.

**Мақсади таҳқиқот** муайян ва асоснок кардани самаранокии шароити педагогӣ барои шинос кардани кӯдакони синни калонӣ томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ мебошад.

**Объекти таҳқиқот** раванди шинос намудани кӯдакони синни калони томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ ба шумор меравад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** хусусиятҳои педагогӣ ва усулҳои ташкили фаъолияти эҷодӣ ҳамчун воситаи шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ мебошад.

**Фарзияи тадқиқотӣ** бар он фарзия асос ёфтааст, ки раванди шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ самараноктар хоҳад буд, агар; фаъолияти эҷодӣ ҳамчун асоси ҳамгироии таҷрибаи бадеӣ, маърифатӣ ва эмотсионалӣ-ахлоқии кӯдак баррасӣ карда шавад; кори педагогӣ бар асоси равиши системавӣ, аз ҷумла истифодаи фолклор, санъат ва ҳунарҳо, ҷашнҳои мардумӣ ва анъанаҳои шифоҳӣ анҷом дода мешавад;

Амсилаи педагогӣ, ки аз бахшҳои маърифатӣ (муқоиса, гурӯҳбандӣ, хулосабарорӣ), иҷтимоӣ-эҳсосӣ (муносибат бо калонсолон ва ҳамсолон, дида тавонистан, дарк намудани зебоӣ); эҷодӣ-зебоипарастӣ (малакаю маҳорати инъикос намудан, инкишофи қобилияти эҷодкорӣ, ҳаловат бурдан) иборат аст, дар алоқамандӣ бо намудҳои гуногуни ҳунарҳои тоҷикӣ мавриди озмоиш қарор дода шавад; корҳои таҷрибавӣ тибқи барномаи «Нақшу нигорҳои ороишӣ. Олами зебои рангҳо» мавриди шинос намудани кӯдакони синни калони томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор карда шавад; натиҷаи таҳқиқот, истифодаи усулҳои фаъоли таълимӣ, амсилаи педагогӣ, барномаи корӣ хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни калони томактабӣ бо фарҳангӣ миллӣ ва ҳунарҳои мардумиро тасдиқ намоянд.

Дар рисола **навоварии илмӣ**, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот баррасӣ шуда, тезисҳо барои дифоъ таҳия шудаанд. Инчунин, он самаранокии санъат ва ҳунарҳоро дар шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ нишон медиҳад. Муаллиф қайд мекунад, ки таъсири фаъолиятҳои эҷодӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст ва татбиқи шароити педагогӣ, ки шиносоии самараноки фарҳанги миллиро ба кӯдакон таъмин мекунанд, бинобар ин сиёсати ҳукумат торафт муҳимтар мегардад. Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки он аввалин заминаи илмиро барои шароити педагогӣ барои шинос кардани кӯдакон бо фарҳанг ва арзишҳои миллӣ фароҳам меорад ва хусусиятҳои фаҳмиши кӯдаконро аз анъанаҳо ва расму оинҳои миллиро меомӯзад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар омӯзиши илмии имконияти ворид кардани фаъолиятҳои эҷодӣ ба раванди шиносшавӣ бо фарҳанг, анъана ва расму оинҳои миллӣ мебошад. Натиҷаҳои ба дастоварда ба беҳтар кардани методологияи шинос кардани кӯдакон бо анъана ва

расму оинҳои тоҷикӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии тарбияи ватандӯстонаи насли ҷавон мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**ро бояд бо он таъкид кард, ки шароити педагогӣ, методҳои ва усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда ба самаранокии фаъолиятҳои таълимӣ ва муқаддимавӣ дар муассисаҳои томактабӣ мусоидат мекунанд. Барнома ва дастур, маводи чопии дидактикии таҳияшуда ба беҳтар шудани самтҳои мушаххаси раванди таълим мусоидат мекунанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, бо татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ва барномаҳои давлатӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва маънавӣ-ахлоқии насли ҷавон алоқаманд аст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 3-мақоларо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ ба нашр расонидааст. Инчунин дастурҳои методии «Бозиҳои дидактикӣ барои хурдтаракон», «Нақшу нигори ороишӣ дар муассисаҳои томактабӣ», Барномаи «Нақшу нигорҳои ороишӣ. Олами зебои рангҳо», маводи дидактики чопии «Яку дую сею чор, ба рангкунӣ ман тайёр!» ки мазмуни кори таҳқиқотиро дар бар мегирад (намунаи машғулиятҳои шавқовар, супоришҳои эҷодӣ, намунаи суҳбат ва бозиҳои дидактикӣ)-ро дар бар мегиранд, аз чоп баромадаст.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Муаллиф нақшаи тадқиқотиро солҳои 2020-2026 се марҳилаи таҳқиқоти рисолаи худро анҷом дод ва сипас ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи кори таҷрибавиеро, ки дар доираи таҳқиқот гузаронида шудаанд, пешниҳод кард.

Бар асоси омӯзиши назариявӣ ва методологии манбаъҳои мавҷуда ва татбиқи кори таҷрибавӣ, муаллиф тавонист робитаи байни фаъолияти эҷодӣ ва хусусиятҳои шиносшавӣ бо арзишҳои миллии мардуми тоҷикро нишон диҳад, ки бори дигар аҳамияти татбиқи ин амалияро дар муассисаҳои томактабӣ нишон дод.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот муайян кардани мундариҷаи раванди шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ тавассути фаъолияти эҷодӣ; муайян ва асоснок кардани шароити педагогӣ барои шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанг ва арзишҳои миллӣ; баррасии санъат ва ҳунар ҳамчун омили калидии самаранокии раванди шиносшавӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ; таҳияи барнома ва дастури таълимӣ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ** дар таҳқиқи мустақилонаи назариявӣ, муайян намудан ва гузоштани масъалаҳо, ҳадафҳо, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот инъикос меёбад. Таҳлили назариявӣ ихтилофҳоро дар самти барои шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ дар муассисаҳои томактабӣ ошкор намуда, аҳамияти фаъолияти эҷодиро дар ин раванд фарзия кард. Тавассути таҳқиқоти минбаъда, муаллиф мафҳуми “консепсияҳои этникӣ-фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ”-ро муайян намуда, тавассути як қатор машғулиятҳо, фаъолиятҳои гуногуни эҷодӣ системаи шароити педагогиро муайян намуд, ки ба шинос намудани кӯдакон бо фарҳанги миллӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ таъсир мерасонанд.

Диссертатсияи Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед дар мавзуи «Хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ» ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ), аз он ҷумла, ба банди 4.1. - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ -педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; банди 4.3. - Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; банди 4.6. - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва давраҳои гуногуни синну солӣ мувофиқ мебошад.

Сохтор ва мухтавои диссертатсия мантиқан ба ҳам алоқаманд буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Матни диссертатсия бо забони илмӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳо, ҷадвалҳо, расмҳо ва маълумоти таҷрибавӣ асоснок гардидаанд.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. *Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:***

1. Қурбонова Ф.Т. Усулҳои мусаввирӣ дар кӯдакони синни томактабӣ [Матн] / Ф.Т. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. 2021. №3-4 (7-8). -С.307-312.

2. Қурбонова Ф.Т. Аҳамияти анъанаҳои миллӣ дар рушди фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ [Матн] / Ф.Т.Қурбонова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2025. №4 (52). - С.185-189. ISSN 2617-5320

3. Қурбонова Г.А., Ҷамшедзода Ф.Ҷ. Методикаи омӯзиши нақшу нигори миллии тоҷикӣ дар фаъолияти мусаввирии кӯдакони синни томактабӣ [Матн] / Г.А.Қурбонова, Ф.Ҷ. Ҷамшедзода // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. 2026. №2 (28). - С.237-242.

**II. Дастурҳои таълимӣ -методӣ:**

4. Қурбонова Ф., Тоҳирова О. Бозӣ-машғулиятҳои дидактикӣ барои хурдтаракон. (дастури методӣ). Душанбе. 2016. 80 с.

5. Қурбонова Г.А., Ҷамшедзода Ф.Ҷ. Нақшу нигори ороишӣ дар муассисаҳои томактабӣ (дастури методӣ). Душанбе. 2026. 74 с.

6. Қурбонова Г.А., Қурбонова Ф.Т. Яку дую сею чор, ба ранг кардан ман тайёр!» (маводи дидактикии чопӣ). Душанбе. 2026. 23 с.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

7. Қурбонова Г.А., Қурбонова Ф. Истифодаи ранг дар расмкашӣ бо усули ғайрианъанавӣ бо кӯдакони синни томактабӣ [Матн] / Г.А. Қурбонова, Ф. Қурбонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон дар замони муосир». Душанбе. 2021. - С.38-41.

8. Қурбонова Ф. Инкишофи қобилияти эҷодкории кӯдакон тавассути фаъолиятҳои тасвирӣ [Матн] / Ф. Қурбонова // Маводи конференсияи

чумҳуриявии илмӣ- амалии «Ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон дар замони муосир». Душанбе. 2022. - С.64-67.

9. Қурбонова Ф. Фаъолияти мусаввирӣ ҳамчун воситаи рушди зеҳнии кӯдакони синни томактабӣ [Матн] / Ф.Қурбонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Нақш ва аҳамияти хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар пешбурд ва рушди раванди таълиму тарбия". Душанбе. 2024. - С.74-78.

10. Қурбонова Ф., Абдураҳмонова Б. Усулҳои шинос намудани кӯдакон санъати амалии ороишии тоҷик. [Матн] / Ф.Қурбонова, Б. Абдураҳмонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявии "Масъалаҳои муосири таълими томактабӣ: тамоюлҳои рушди он ва самтҳои ислоҳот" (дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28.12.2024). Душанбе. 2025. - С.219-223.

11. Қурбонова Ф.Т. Истифодаи усули бозӣ дар раванди машғулиятҳои мусаввирӣ. [Матн] / Ф. Қурбонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявии "Масъалаҳои муосири таълими томактабӣ: тамоюлҳои рушди он ва самтҳои ислоҳот" (дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28.12.2024). Душанбе. 2025. - С.47-50.

12. Қурбонова Г. А., Қурбонова Ф.Т. Тарбияи зебопарастии кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз санъати тасвирӣ [Матн] / Г.А. Қурбонова, Ф. Қурбонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалии «Нақши илми тоҷик дар ташаккули насли нав (Бахшида ба рӯзи Илми Тоҷик)». Душанбе. 2026. - С.137-141.

13. Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед дар мавзуи «Хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед дар мавзуи «Хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) ҷавобгу аст.

3. Диссертатсияи Ҷамшедзода Фароғат Ҷамшед дар мавзуи «Хусусиятҳои шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 25 август соли 2026, протоколи №8/1 бо иштироки мутахассисони даъватшуда кабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамагӣ - 15 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи педагогика,
психология ва методикаи тарбияи
томактабӣ Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, н.и.п., и.в.дотсент Кенҷаева З.

**Котиби ҷаласа:** н.и.п. Рамазонзода Д

“Имзои З. Кенҷаева ва Д.Рамазонзода- ро тасдиқ мекунам”:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.М.

15.09.2026

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121, Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Тел.: 224-13-83. e-mail: info@tgpu.tj